**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб ба таҳқиқ ва таҳлили илмӣ дар ҳавзаи ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки ба яке аз масъалаи асосӣ ва ҳаётии инсон ва шаҳрванд, яъне шартномаи хариду фурӯши чанкана бахшида шудааст. Дар шароити то рафт баланд шудани таабот бо молу маҳсулот, маводи хӯроворӣ шартномаи хариду фурӯш яке аз маъмултарин шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ маҳсуб мешавад. Шартномаи зикршуда натанҳо асосии гузариши ҳуқуқи моликият  ва амалишавии эҳтиёҷоти инсон ба молҳое истеъмолӣ мебошад, балки воситаи ба таври мустақим ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкундагон пайванд дорад.

Шартномаи хариду фурӯши чакана намуди маъмултарини шартномаи хариду фурӯш ба ҳисоб рафта, меъёрҳои он ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дар рӯшди муттамадини савдо нақши муҳим мебозад. Зеро ба воситаи шартномаи хариду фурӯши чакана оммаи бузурги истеъмолкундагон ашёро барои мақсадҳои шахсӣ харидорӣ менамоянд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад. Дар рисола мафҳуми «шартномаи хариду фурӯши чакана» ва таносуби он бо дигар мафҳумҳои шабеҳ, дар иртибот бо қонунгузории ҶТ, мафҳум ва аломатҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана, унсурҳои шартномаи хариду фурӯши чакана, аз ҷумла, тарафҳо, мавзуъ ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана, шакл ин шартнома, мазмуни шартномаи хариду фурӯши чакана ва масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқии мадании фурӯшанда тибқи шартномаи мазкур дар он мавриди пажуҳиш ва таҳлил қарор дода шудааст.Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи

таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиф гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ изҳори назар карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ довталаби дараҷаи илмӣ дар 15 мақолаи илмии довталаб инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мебошад.

Ҳамин тариқ, зимни омӯзиш ва таҳлили автореферати Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб ба натиҷае расидан мумкин аст, ки тамоми масъалаҳо дар он ба таври зарурӣ ва вобаста ба талаби муҳтавои шартномаи хариду фурӯши чакана ба роҳ, монда шудааст, ки ин завқи баланди касбият ва талошу заҳмати муаллифро нишон медиҳад.

Вазифаҳои гузошташуда ба монанди – таҳқиқи моҳият ва хусусиятҳои хоси шартномаи хариду фурӯши чакана дар танзими ҳуқуқи хусусӣ; таҳқиқи асосҳои ҳуқуқии танзими он дар замони муосир ва роҳҳои ҳалли самарабахши таъмини ҳуқуқӣ; таҳқиқи таснифоти шартномаи хариду фурӯши чакана; таҳлил ва муайян кардани унсурҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана; муайян кардани мазмун ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана; таҳқиқи ҷубронии зиён ва ноустуворона ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана; таҳқиқи паҳлуҳои алоҳидаи товони зарари маънавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана, таҳия бо таври мукаммал ва дар таҳқиқот анҷом дода шудааст. Дар ин самт муаллиф такя ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии дохилӣ ва хориҷӣ намуда, нуқтаҳо илмии асоснок, тарзи риоя, иҷроиш, роҳи ҳали мушкилот ва дурнамои онро ҳам ба таври назариявӣ ва ҳам ба таври амалиявӣ нишон додааст ва дар ин ҷода муваффақ, низ гардидааст.

Аз пешниҳод ва хулосаҳои дар автореферат манзуршуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дарси метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил гардонидани меъёрҳои қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқи мадании шартномаи хариду фурӯши чакана истифода шавад. Афзун бар он, пешниҳодҳое, ки барои мукамалсозии қонунгузорӣ ва шаффофсозии ухдадориҳои

шартномавӣ матраҳ, шудаанд, аз арзиши назарӣ, илмӣ ва амалии боло бархурдоранд, ки метавонанд мавриди истифодаи васеъ ҳам дар назария ва ҳам амалияи татбиқи ҳуқуқӣ қарор бигиранд.

Дар воқеъ, муаллиф заҳмату талоши зиёд кашида, як маводи мукаммали илмиро омода сохтааст, ки он метавонад дар ҳама самти фаъолияти дахлдор, аз ҷумла такмили қонугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими муносиатҳои шартномаи хариду фурӯши чакана ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мусоидат намояд. Вале новобаста ба ин, баъзе андешаҳои ҷузъии мубоҳисавӣ ба назар мерасанд, нисбати онҳо изҳори назари муаллиф бо манфиати кор мебошанд.

Аз ҷумла, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо мақсади танзим савдои электронии ашё дар моддаи 26 иловаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкундагон» меъёри нав бо номи «савдои электронии ашё» қабул карда шавад. Пурсида мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба танзими савдои электронӣ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи савдои электронӣ» мавҷуд мебошад, оё меъёрҳои ҳамин қонуни номбурда барои таҳзими шартномаи мазкур басанада намебошанд? .

Эроди баёншуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта, мазумни рисолаи илмро коҳиш намедиҳад. Сохтори автореферат бо диккат ва равонии илмӣ тароҳӣ шудааст. Мавзуи таҳқиқот дар автореферати мазкур ба таври мушаххас ва ҳамаҷониба инъикос ёфтааст, ки он шомили муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологи, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), натич;аҳо ва пешних,одх,ои илмй мебошад.

Қобили зикр аст, ки зери мавзуи мазкур муаллиф хеле тадқиқоти амиқ, намуда, вобаста ба зиёда аз 15 мақолаи илмӣ руи чоп овардааст, ки аз он 5 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидааст.

Таҳқиқоти илмии Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб имрӯз дар низоми илми ҳуқуқшиносӣ муҳим ва зарурӣ буда, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида, дар фаъолияти самараноки мақомоти қонунгузор ва суд метавонад таъсиргузор бошад .

Таҳқиқоти диссертатсионии Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи

гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ,
байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кор,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Маҳмадшозода Ф. А .

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Имзои Маҳмадшозода Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С.
10.12.2025